ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

КАФЕДРАИ ИҚТИСОД ВА ИДОРА ДАР СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ
# ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ РОҲБАРОНИ СОЗМОНИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.09.2024, №9/8-11 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон: Раҳматшоев Исфандиёр** – мудири калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маориф МДДҶТИБКСМ

**Холназаров Имомназар**– омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маориф МДДҶТИБКСМ

**Муқарриз:**

**Муҳиддинзода Б.** – Ёрдамчи президенти АТТ, номзади илмҳои педагогӣ.

**Муҳаррир:**

**Шердилова С.** – дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ

Барномаи мазкур бо дарназардошти талаботи муосири муассисаҳои таълимӣ таҳия шуда, барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси роҳбарони созмони хонандагони МТМУ бо мақсади ҳар чи бештар ошноӣ пайдо кардани онҳо бо ҳадафу моҳияти тағйироти сохторӣ ва ислоҳоти дар соҳаи маоифи кишвар ба вуқуъ пайваста тавсия карда мешавад. Барнома мутобиқи талаботи Стандарти таҳсилот, низомномаи Созмони хонандагон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳия шудааст:

Барномаи мазкур барои шунавандагони курси такмили ихтисоси роҳбарони созмони хонандагони муассисаҳои таълимӣ тавсия карда мешавад.

Душанбе -2024

## Пешгуфтор

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси роҳбарони Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 36 соат (танҳо барои тахассус) сохта шудааст.

Барномаи таълимӣ оид ба курси такмили ихтисоси роҳбарони Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф ва илми ҶТ», Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома ва Оинномаи ДҶТИБКСМ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, Низомномаи созмони хонандагони муассисаҳо таҳсилоти умумииТоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ (2016) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ таҳия гардидааст.
Мақсади асосии барнома баланд намудан ва сайқал додани маҳорати касбии роҳбарони Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нави илми-педагогӣ дар ин соҳа, мебошад.

Бо сабаби васеъ истифода шудани воситаҳои нави иттилоотӣ шунавандагон дар ҷараёни курс маҳорати оддии истифодаи ин воситаҳоро низ пайдо мекунанд. Донистани усулҳои гуногун, вазифаҳои хизматии Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ,таҳлил ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба роҳбарони Созмони хонандагон имконият медиҳад, ки дар раванди кори худ метавонад ин ё он усулро интихоб намуда, дониш ва малакаи худро дар ташкилотҳои таълимии худ сайқал диҳанд ва мукаммал созанд.

**Шакли машғулиятҳо**: лексионӣ-амалӣ, амалӣ, семинар ва мубоҳисаҳо. Барнома аз сохтор, сарсухан, мавзуъ ва

мундаричa, луғати истилоҳот ва адабиёти истифодашудаю тавсияшаванда иборат аст.

Нақша - барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим -** мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷаи онҳо, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим -** аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути онҳо мавзӯъ ва мундариҷаи он таҳлилу баррасӣ шуда, азхуд карда мешаванд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт -** вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси созмонҳои хонандагон бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

-сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монанд;

-навгониҳои соҳаи педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд;

-мақсад ва вазифаҳои созмони хонандагонро донанд ва барои иҷрои онхо нақша чорабиниҳо таҳия карда тавонанд;
доир ба татбиқи Консепсияи миллӣ тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имконияти муассиса чорабиниҳои гуногун ташкил ва гузаронида тавонанд;

-ҳамкориро бо роҳбарони синфҳо, омӯзгорон, маъмурияти муассисаи таълимӣ дуруст ба роҳ монда тавонанд;

-ҳуқуқ ва вазифаҳои роҳбари созмони хонандагонро донад ва риоя намоянд;

-ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзоёни созмонро донад ва баробарҳуқуқии онҳоро таъмин намоянд;

-фаъолияти худро дар асоси талаботи Оиннома ва Низомномаи Созмон роҳандозӣ карда тавонанд;
-ҳамкориро бо созмони хонандагони муассисаҳои таълимии дигар, ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ дар самти татбиқи Оинномаи Созмон ба роҳ монда тавонанд;
Талаботи мазкур тавассути тести ҷамъбастӣ арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад. Бо дарназардошти натиҷаи тести ҷамъбастӣ баъд аз хатми курси мазкур ба иштирокчиён шаҳодатнома дода мешавад.

**Талабот ба сатҳи тайёр намудани шунавандагон**

Пас аз хатми курс шунаванда бояд:
•моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;
•талаботи Стандарти давлатии таълим ба салоҳияти касбии роҳбари созмони хонандагон;
•асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;
•истифодаи технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти роҳбарӣ;
•моҳият, хусусият ва усулҳои назорат ва ташкили чорабиниҳоро донад.

**Салоҳият:**

-таҳлил карда тавонистани фаъолияти касбии худ бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ;
-маъракаҳои ободониву кабудизоркунӣ, соатҳои экологӣ, шанбегиҳо ва дигар чорабиниҳоро дар байни хонандагон гузаронида тавонад;
-ташаббускории аъзоёни созмонро дастгирӣ карда тавонад;
-озмуну мусобиқаҳои маърифативу варзишӣ ва тарғиби ҳаёти солимро дар байни хонандагон рохандозӣ карда тавонад;
-ҳавасмандгардонии аъзоёни созмонро бо роҳҳои таъсиси мукофотҳои гуногун, стипендия, диплом,ифтихорнома, сипоснома ва ғайра таъмин карда тавонад;
-дар баргузории форуму фестивал ва анҷуманҳои бадеиву эҷодӣ ва дӯстии кӯдакон саҳм гузошта тавонад;
-барои ҷалби хонандагон ба донишандӯзи, китобхонӣ ва маҳфилҳои гуногун роҳбаладӣ карда тавонад;

-баҳри баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих,мероси фарҳангии ниёгон, урфу одат, анъанаҳои миллӣ корҳои таблиғотӣ ва дигар чорабиниҳоро ташкил карда тавонад;
-дар фаъолияти худ аз технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ истифода бурда тавонад.
-дар асосии донишҳои назариявӣ ва мушоҳидаву таҷриба тадқиқот гузаронида тавонад.

**Малакаҳои зеринро дошта бошанд:**

- технологияи муосири педагогии роҳбаладӣ;
- муносибат ва муошират бо хонандагон;
- ташкилотчигӣ ва эҷодкорӣ;
- истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;
- методологияи тарзи истифодаи ТИК.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба барномаи мазкур ба Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ирсол намоянд.

## НАҚШАИ
### таълимии курси такмили ихтисоси роҳбарони созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | **36** | **14** | **22** |
| 2 | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 1 | **1** |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | 3 | 1 | 2 |
| 4. | Психологияи касбӣ | 3 | 1 | 2 |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| | **Ҳамагӣ** | **48** | **18** | **30** |

**Нақшаи**
**тақвимии ихтисоси роҳбарони Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1 | Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ (тахассус) | **36** | **14** | **22** |
| 1.1 | Низомномаи созмони хонандагон ва сохторҳои он | 2 | 2 | 2 |
| 1.2 | Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва иҷрои он дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 2 | 2 | 2 |
| 1.3 | Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 2 | 2 | 2 |
| 1.4 | Вазифаҳои хизматии роҳбари Созмони хонандагон. Банақшагирии кори созмон. | 2 | 1 | 3 |
| 1.5 | Созмони хонандагон ва саҳми он дар таълиму тарбияи хонандагон. Истифодаи технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ дар фаъолияти Созмони хонандагон | 2 | 1 | 3 |
| 1.6 | Кори амалӣ | 6 | - | 6 |
| 1.7 | Ҳамкории роҳбари Созмони хонандагон бо роҳбарони синфҳо | 2 | 1 | 1 |
| 1.8 | Ҳуҷҷатгузории кори як Созмони хонандагон | 2 | 1 | 1 |
| 1.9 | Тарзи ороиши ҳуҷраи корӣ ва гӯшаҳои Созмони хонандагон. | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.10 | Саҳми Созмони хонандагон дар пешгирии қонуншиканӣ, ҷинояткорӣ, коррупсия ва шомилшавии ноболиғону наврасон ба гурӯҳҳои террористиву ифротгароӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.11 | Фаъолияти кори Созмони хонандагон аз рӯи самтҳо. | 4 | 2 | 2 |
| 1.12 | Қабули хонандагон ба узвияти Созмони хонандагони ба номи Исмоили Сомонӣ | 4 | 1 | 3 |
| 1.13 | Ҳамкории роҳбари созмони хонандагон бо муовини директор оид ба тарбия дар баргузории корҳои беруназсинфии хонандагон | 2 | 2 | 2 |
| 2. | **Мавзуъҳои иловагӣ** | | | |
| 2.1. | Тартиби ташкил ва гузаронидани семинару машваратҳо | 4 | 1 | 3 |
| 2.2. | Нақши созмони хонандагон дар ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар мактаб | 6 | 2 | 4 |
| 2.3. | Фаъолияти мақомоти худидоракунии хонандагон | 4 | 2 | 2 |
| 2.4. | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | 4 | 2 | 2 |
| | **Ҳамагӣ** | 18 | 7 | 11 |

**Мавзуи 1.1 (2 соат). Низомномаи созмонҳои хонандагон ва сохторҳои он.** Мазмун ва мундариҷаи низомномаи созмони хонандагон. Сохтори шурои созмони хонандагон. Сохтори шурои умумимактабӣ. Зинаҳои созмони хонандагон.

**Мавзуи 1.2 (2 соат). Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва иҷрои он дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.**

Эъломияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, таърихи қабули он; уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабули Эъломия;

риояи иҷрои Эъломия аз тарафи мақомоти маҳаллии давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва оила.

**Мавзуи 1.3 (2 соат). Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Зарурияти таҳия ва қабули Консепсияи миллии тарбия. Асоси методологӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия. Мафҳум, мақсад, вазифа ва заминаҳои тарбияи миллӣ. Унсурҳои таркибӣ ва мазмуни тарбияи миллӣ. Марҳилаҳои тарбия. Ташкили вақти холӣ. Кор бо падару модарон. Роҳҳо ва заминаҳои амалӣ гардидани консепсия. Натиҷаи консепсия.

**Мавзуи 1.4 (2 соат). Вазифаҳои хизматии роҳбари Созмони хонандагон. Банақшагирии кори созмон.**

Таҳияи нақшаи солонаи кулли масъалаҳои корҳои беруназсинфӣ. Назорати мунтазами фаъолияти худидоракунии самтҳои созмони хонандагон. Ҷиҳозонидани ҳуҷраю гӯшаҳои созмони талабагӣ. Даъват намудани шӯроҳои созмонҳои талабагӣ. Рӯзномаҳои деворин созмонро ҳар моҳ ба истифода медиҳанд. Хонандагони синфҳои 7-11-ро ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо мақсади роҳбарӣ ба корҳои беруназсинфӣ вобаста менамоянд. Озмунҳои илмию фарҳангӣ ва варзишии хонандагонро роҳбарӣ менамоянд. Дар ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ ва нисфирӯзӣ маърӯзахониро барои хонандагон одат мекунонанд.

Назорати доимӣ аз рӯйи ҳолати ашёҳои хониш, либоси мактабӣ. Аз рӯйи давомот ва пешгирии дермонӣ ба дарсҳо чораҳо меандешанд. Хонандагони муассисаро ба ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ ва нисфирӯзӣ омода месозанд. Супоришҳои ҷонишинҳои директорро амалӣ месозад. Дар ташкили кулли чорабиниҳои мактаб дар робита бо ҷонишинҳо роҳбарӣ менамоянд. Дар шӯроҳои омӯзгорон оид ба фаъолият гузоришҳо медиҳад.

**Мавзуи 1.5 (2 соат). Созмони хонандагон ва саҳми он дар тарбияи хонандагон.**

Рӯзи таъсисёбии созмон. Ҳадафҳои асосии созмони хонандагӣ. Вазифаҳои асосии созмон. Шартҳои асосии навсозии созмони хонандагон.Истифодаи самараноки компютер, тахтаи электронӣ, интернет, телефонҳои мобилӣ ва ғайра.

**Мавзуи 1.6 Кори амалӣ (6 соат)**

Иштирок дар чорабиниҳои тарбиявии синфӣ ё муассисавӣ оид ба ташкилу гузаронидани соатҳои тарбиявӣ, таҳлилу хулосабарорӣ, фикру андешаҳои иштирокчиён.

**Мавзуи 1.7 (2 соат). Ҳамкории роҳбари Созмони хонандагон бо роҳбарони синфҳо.**

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва фаъолияти роҳбари синф ва фаъолияти созмони хонандагони синф. Вазифаҳои аъзоёни созмон. Ҳуқуқу вазифаҳои роҳбари Созмони хонандагони синф ва фаъолияти роҳбари синф дар ин самт. Нақша-чорабиниҳои роҳбари синф. Нақшаи кории роҳбари Созмони хонандагони синф.

**Мавзуи 1.8 (2 соат). Ҳуҷҷатгузории кори як созмони хонандагон (аз таҷриба).**

Дар ин машғулият яке аз роҳбарони Созмонҳои хонандагон дар бораи ҳуҷҷатгузории муассисаи таълимиаш муфассал маълумот дода, пешкаши шунавандагон мегардонад.

**Мавзуи 1.9 (2 соат). Тарзи ороиши ҳуҷраи корӣ ва гӯшаҳои созмони хонандагон.**

Дар ҳуҷра рамзҳо ва атрибутикаи созмон бояд ҷои муҳимро ишғол намоянд. Ба онҳо дохил мешаванд:

Рамзҳо ва атрибутикаи созмон.Байрақи созмони хонандагон.

Шиори созмони талабагӣ- «Ба хизмати халқу Ватан бош тайёр!» ва дар зер «Доимо тайёр!».Ваъдаи ботантанаи узви сазмони талабагӣ.Акси Исмоили Сомонӣ бо таърихи мухтасар. Суруди «Дунёи миллат».Рӯзномаи созмони хонандагон. Китоби фахрӣ. Компютер, аудио, асбобҳои видеоӣ.

**Мавзуи 1.10.(4 соат). Саҳми Созмони хонандагон дар пешгирии қонуншиканиву ҷинояткорӣ ва шомилшавии ноболиғону наврасон ба гурӯҳҳои террористиву ифротгароӣ.**
Шарҳу тавзеҳи вожаҳои террорист,экстремист, ифротгаро, хурофот. Мақсад ва ҳадафҳои гурӯҳҳои ифротгаро. Роҳу усулҳои ҷалби шаҳрвандон ба ин гурӯҳҳо. Сабаб ва омилҳо. Зиракии сиёсӣ. Роҳҳои муқовимат бо ин падидаҳои номатлуб.
**Мавзуи 1.11 (4 соат). Фаъолияти кори созмони хонандагон аз рӯйи самтҳо.**
Зинаи якум «Ахтарон», самтҳои он.
Зинаи дуюм «Ворисони Сомониён», самтҳои он.
Зинаи сеюм «Сомониён», самтҳои он.
Гӯшаи гуруҳҳо ва шиори онҳо.
**Мавзуи 1.12. (4 соат). Қабули хонандагон ба узвияти созмони хонандагони ба номи Исмоили Сомонӣ.**
Ба таври шоиста оро додани ҷои гузаронидани ҷамъомад.
Омода сохтани хонандагон барои қабул ба узвияти созмони хонандагон. Супоридани рапорт. Иҷрои савганди тантанавӣ ва тақдими галстук. Аз тарафи хонандагон иҷро кардани суруди «Дунёи миллат».
**Мавзуи 1.13 (2 соат) Нақши муовини директор оид ба тарбия дар баргузории корҳои беруназсинфии хонандагон**
Тайёрии роҳбари созмони хонандагон барои баргузории корҳои беруназсинфии хонандагон. Шакл ва методҳои асосии корҳои беруназсинфии хонандагон. Мақсади ташкили маҳфил барои талабагони синфҳои ибтидоӣ – ворид намудани кӯдакон ба олами илм ва техника, рушду нумӯъ додани қобилияти эҷодӣ ва аломатҳои фавқулодда ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои амалӣ, донишҳои дар маҳфилҳо ҳосилкардаро дар дарсҳо истифода бурдан аст.
Аҳамияти маҳфилҳои мактабӣ ва беруназмактабӣ. Дар рӯҳияи ғамхорӣ ба одамон тарбия кардани хонандагон. Нақши саёҳат ба табиат, боғи ҳайвонот, музейҳо, ба истеҳсолот ва хоҷагиҳои кишоварзӣ.

**2. Мавзуъҳои иловагӣ**

**Мавзуи 2.1.(4 соат). Тартиби ташкил ва гузаронидани семинару машваратҳо**

Яке аз самтҳои фаъолияти иттиҳодияи методӣ дар мактаб ташкил ва гузарондани семинар ва машваратҳо мебошад. Семинару машваратҳоро чӣ гуна метавон ташкил кард? Семинар, машваратҳоро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Семинар ё машваратҳо бо мақсади инкишофи малакаю маҳоратҳои методикаи умумии таълим

Семинар ё машваратҳо бо мақсади инкишофи малакаю маҳоратҳои методикаи хусусии таълими фан

Шумо метавонед мавзӯҳои алоҳидаро пешакӣ ба нақша гирифта, онро гузаронед. Аммо ин кафолат намедиҳад, ки мавзуи интихобкардаи Шумо эҳтиёҷи ҳама аъзоёни иттиҳодияи методиро қонеъ мегардонад. Аз ин рӯ, бисёр хуб мебуд, агар мавзӯъҳои семинар ё машварат дар асоси таҳлили дарсҳо ва пешниҳоду дархости худи омӯзгорон ташкил карда шавад.

**Мавзуи 2.2. (6 соат). Нақши созмони хонандагон дар ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар мактаб.**

Мақсади ташкили созмони хонандагон. Вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти созмони хонандагон. Таъмини корҳои тарбиявӣ. Ташкили созмони хонандагон дар мактаб. Зинаҳои созмони хонандагон.

**Мавзуи 2.3. (4 соат) Фаъолияти мақомоти худидоракунии хонандагон.**

Конференсияи созмони хонандагон. шурои созмони хонандагон.Маркази таҳсилоти иловагӣ-заминаи методии кори созмони хонандагон.

**Мавзуи 2.4 (6 соат). Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Вазифаҳои Қонуни мазкур. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. Забони таҳсил. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Низоми маорифи ҷумҳурии тоҷикистон. Сохтори низоми маориф. Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ. Таълиму тарбияи томактабӣ. Таҳсилоти умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Таҳсилоти миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ. Ташкили раванди таълиму тарбия. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф. Идоракунии сифати таҳсилот. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ. Баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф. Субъектҳои раванди таълиму тарбия. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия. Стипендия

ва дигар пардохтҳои пулӣ. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар соҳаи маориф. Мазмуни мақоми омӯзгор. Фаъолияти омӯзгорӣ. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф.

**Адабиёт**

Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 3.03.2006. № 94

Маҷмӯи хуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. Душанбе 2008.

Низомномаи Созмони хонандагон. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2018, №08/77.

Эъломияи ҳуқуқи башар. Консепсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак. Душанбе – 2009.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» Душанбе- 2024.

Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф, Душанбе,2008

Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак Душанбе, 1993.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» Душанбе- 2013, № 1004.